ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзӯи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология ба шурои диссертатсионӣи 6D.KOA-051 пешниҳод шудааст.

Соҳаи боғу токпарварӣ яке аз соҳаҳои асосии агросаноатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати таъмин намудани аҳолӣ бо озуқаворӣ, ғанӣ гардонидани сабади истеъмолӣ, таъмини корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хом, афзун гардонидани имконияти содиротии мамлакат мавқеи муайянро ишғол менамояд. Дар шароити Тоҷикистон дарахту буттаҳои мевадиҳандаи субтропикӣ ба таври васеъ паҳн гардида, баъзе аз онҳо ба монанди анор на танҳо ҳамчун растании ёбоӣ, балки дар боғҳо парвариш карда мешаванд.

Дар солҳои охир шумораи зараррасонҳои растаниҳои мевадиҳандаи соҳаи кишоварзӣ аз ҷумла растании анор ру ба тамоюли зиёдшавӣ доранд ва авҷгирии динамикаи шумораи онҳо ба назар мерасад, ки ин сабаби паст гардидани ҳосилнокии боғҳо мегарданд. Бинобар ҳамин, ҳифз ва устувории ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ хусусан боғҳои анор аз ҳашароту канаҳои зараррасон яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии Давлатзода О.М. ки ба омӯзиши «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» бахшида шудааст, мубраму саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф 38 намуди зараррасонҳоро дар боғҳои анор ба қайд гирифтааст, ки аз ин шумора 18 намудашон бори аввал ҳамчун зараррасон ошкор карда шудаанд. Аз рӯйи махсусияти ғизогирӣ бошад зараррасонҳоро ба 3 гурӯҳ 1. Монофаг – ба ин гурӯҳ намудҳое дохил мешаванд, ки танҳо як намуди растаниро ҳамчун манбаи ғизо истифода мебаранд, ки 7,9%-ро ташкил медиҳанд. 2. Олигофаг – зараррасонҳое мебошанд, ки асосан ба растаниҳои мансуби як оила осеб мерасонанд, ки 2,6 %-ро ташкил дода, дохил мешаванд. 3. Полифаг – он намудҳоеро дар бар мегиранд, ки ба растаниҳои аз оилаҳои гуногун мансуббуда зарар мерасонанд мансубанд, ки аз шумораи умумии онҳо 89,5%-и гуногунии зараррасонҳоро муттаҳид кардаанд, тасниф кардааст.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронида пешниҳод намудааст, ки дар боғҳои анори қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) ҳангоми пайдошавии зараррасонҳои зерин: ширинчаи анор –*Aphis punicae* Pass., сафедболаки тамоку ё пахта – *Bemisi atabaci* Genn., тортанакканаи муқаррарӣ – *Tetranychihus urticae* C.L.Kocn., кирмаки Комсток – *Pseudocaccus comstocki* Kuw., оташаки анор – *Euzophora punicaella* Morr. ва меваҳӯраки себ – *Cydia pomonella* L. мубориза бар зидди онҳо ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон бо мақсади коҳиш додани паҳншавии кирмаки Комсток – *Pseudocaccus comstocki* Kuw. пахта, лой, тоза кардани гулхонаи анор ва коғазро истифода шудааст, ки

самаранокии биологии пахта ба ҳисоби миёна 93,2%, лой 75,6%, гулхонаи тозакардашудаю коғаз бошад мутаносибан 72,6% ва 39,5%-ро ташкил додааст. Аз ин лиҳоз, истифодаи усули механикӣ тавсия дода шудааст. Ин тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф аҳаммияти калони амалӣ доранд. Бо назардошти маълумоти назарраси илмӣ ба даст овардан дар матни автореферати диссертатсия баъзе аз хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ҷой дорад. Ин камбудиҳо ба мазмун ва арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ба назар гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки кори диссертатсионии Давлатзода О.М. дар худ инъикоси таҳқиқоти анҷомёфтаро ифода мекунад, ки мақсад ва вазифаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳал гардида, онҳо дорои аҳаммияти муҳими иқтисодию хоҷагидорӣ мебошанд. Нуктаҳои аз ҷониби муаллиф барои ҳимоя пешниҳодгардида, илман асоснок буда, дар натиҷаи мушоҳидаю таҷрибаҳои бисёрсола тасдиқ гардидаанд. Сохтори диссертатсияи номзадӣ аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 184 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст. Дар рисола 14 ҷадвал, 27 расм,160 адабиёт оварда шудааст.

Аз рӯйи ҳаҷми таҳқиқоти гузаронидашуда, навгониҳои илмии бадастовардашуда ва аҳаммияти назариявию амалии онҳо хулоса намудан мумкин аст, ки кори диссертатсионии Давлатзода О.М. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатзода О.М. барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология арзанда мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои биологӣ,
мудири кафедраи Биологияи тиббӣ
бо асосҳои генетикаи МТФ “Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” Искандаров Э.Ҳ.

Суроға:Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, н.Сино, кӯчаи Ғаффор Мирзо 2.
Тел.+992 903 03 03 46; E- mail: mahmad-i@mail.ru

Имзои Э.Ҳ. Искандаров-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои МТФ “Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” Икромова С.Ш.

Суроғаи муассиса: ш.Душанбе, н.Сино,
кӯчаи Ғаффор Мирзо 2
Тел: +992 900 92 61 51

04.11.2026